## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи номзадии Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар мавзуи «Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ» (дар асоси маводи “Футувватномаи султонӣ” “Ахлоқи муҳсинӣ” ва “Рисолаи ҳотамия”) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01–Забони тоҷикӣ. –Душанбе, 2025. – 175 с.**

Зикри ин нуктаро муҳим мешуморам, ки вомгирию вомдиҳии вожаҳо дар тамоми давру замон ҷараёни доимоамалкунанда буда, вобаста ба рушду инкишоф ва пешрафти соҳаҳои ҳаёт дар ҷомеа вусъат меёбад ва ё камнур мегардад. Ин хусусият барои забонҳои алоҳида набуда, дар ҷомеаи мутамаддин раванди ҳамешагиро касб кардааст. Ҳодисаю воқеаҳои сиёсӣ ва ё тараққии ин ё он соҳа боиси ба вуҷуд омадани мафҳумҳое мегардад, ки барои ифодаи онҳо калимаю истилоҳоти нав лозим мешавад. Зикри ин нуктаро муҳим мешуморам, ки забонҳо дар гӯшаю инзиво зиндагӣ надоранд, онҳо дар канори ҳам буда, ба ҳам таъсир мерасонанд ва ҳолати мазкур ба он водор мекунад, ки истифодаи имконоти забонии ҳамдигар ногузир мегардад. Дар забони ретсипиент дар сурати набудани калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои дар забони донор ба вуҷудомада истифодаи гунаҳояшон дар шакли иқтибосӣ ногузир мешавад. Ин ҳолат, дар мисоли забони тоҷикӣ, ба он овардааст, ки ба ин забон дар тули қарнҳо аз забонҳои зиёде иқтибосоти зиёде ворид шавад.

Диссертатсияи аз тарафи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар мавзуи «Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ» (дар асоси маводи “Футувватномаи султонӣ” “Ахлоқи муҳсинӣ” ва “Рисолаи ҳотамия”) пешниҳодшуда ба самти забоншиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10. 02. 01 –Забони тоҷикӣ комилан **мувофиқат** менамояд.

**Аҳаммияти мавзуи таҳқиқ.** Дар миёни забонҳои олам, забони арабӣ аз муқтадиртарин забонест, ки калимаҳои ин забон ба соҳаҳои

гуногуни забони тоҷикӣ нуфуз кардааст. Ҳамчунин, дар давоми беш аз ҳазор сол калимаю истилоҳоти арабӣ ба забони уламою шуарою удабо ва фузалою фарҳехтагони миллатамон нуфуз карда, боиси ҳарчи бештар истифода шудани онҳо гардида, ба табиати забони тоҷикӣ мутобиқ шудаанд. Ин аст, ки таҳқиқи осори адибони давраҳои гуногун барои муайян сохтани мақом ва ҷойгоҳи калимаю истилоҳоти арабии ба забонамон воридшуда мусоида карда, дарсади истифода ва то чи андоза мунҳал шудани онҳо ошкор мегардад ва ба ин маънӣ таҳқиқи вомвожаҳои арабии осори адибон аз масоили муҳимми забоншиносӣ ба шумор меравад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Таркиби луғавии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз ҳар ҷиҳат бою ғанӣ буда, барои таҳқиқи масоили гуногуни забоншиносӣ маводи фаровоне дода метавонад. Аз анбуҳи зиёди калимаю истилоҳоти ин осор вомвожаҳои забонҳои гуногун, аз ҷумла, арабию туркӣ, ҳиндию урду, римию юнонӣ ва ғайра ба таври махсус ҷилва медиҳанд. Иқтибосоти осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ бештар аз ҳама ба забони арабӣ иртибот мегирад, ки барои замони зиндагии адиб амри воқеист. Калимаҳои арабӣ барои баёни мақсади адиб имкони зиёдеро фароҳам овардааст. Онҳо ба ҳиссаҳои гуногуни нутқи осори мазкур нуфуз карда, хусусиятҳои муродифию мутазод ва сермаъноию ҳамгуншавӣ касб карда, дар ташаккулиибораҳои фразеологӣ ва қолибҳои калимасозии “Футувватномаи султонӣ” “Ахлоқи муҳсинӣ” ва “Рисолаи ҳотамия” ва дар соҳаҳои мутааддиди ҳаёти ҷомеаи он вақт саҳм дорад. Баррасии илмӣ, таҳқиқи ҳаматарафаи ин масоили илмӣ зарур буда, аз масъалаҳои мубрами илмии забоншиносӣ ба шумор меравад.

Ин аст, ки аз тарафи муҳаққиқи ҷавон Зоирзода Холмурод Сафаралӣ интихоби мавзуи «Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ» (дар асоси маводи “Футувватномаи султонӣ” “Ахлоқи муҳсинӣ” ва “Рисолаи ҳотамия”) саривақтӣ ва мубрам арзёбӣ мегардад.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст ба масъалаи таҳқиқи забони осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ даст зада, перомуни яке аз қабатҳои муҳимми забони осори мазкур – вомвожаҳои арабию ғайриарабӣ баррасии илмӣ сурат гирифтааст. Ошкор сохтани мавқеи ин вомвожаҳо боз аз он ҷиҳат дорои аҳаммият аст, ки роҳи тайкардаи забони тоҷикӣ ва таркиби луғавии ин забон бо доштани вомвожаҳо дар марҳилаҳои таърихӣ муайян мегардад. Ҷамъоварии маводи марбут ба вомвожаҳо, тарҳрезию табақабандии қолибҳои калимаҳои арабӣ, мансубияти луғавӣ-грамматикии онҳо, таҳқиқи вомвожаҳои муродифию мутазод, сермаъноию ҳамгунӣ ва қолибҳои калимасозии онҳо аз навгониҳоест, ки дар рисола ба чашм мехуранд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар шаш банд оварда шудаанд, ки муҳтавои муҳимми кори диссертатсиониро фаро мегиранд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешавад,** диссертатсияи пешниҳодшуда дар асоси назарияи олимони ватанию хориҷӣ бунёд шудааст, ки барои таҳқиқи масоили вомвожаҳо аз рӯйи хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохторӣ эътимоднок буда, натиҷагириҳои муҳимми таҳқиқро таъмин сохтаанд. Ба андешаи мо, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ боз аз он зоҳир мегардад, ки дар кори диссертатсионӣ дақиқияти маълумот, мутобиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва истифодаи дурусти усулҳои таҳқиқ дида мешавад. Хулосаи диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ муҳимтарин ва асоситарин андешаҳои муаллифи рисола дар 15 банд фароҳам омадаанд. Бахши тавсияҳо, ки аз 5 банд иборат аст, муҳиммияти масоил ва корбурди натиҷаҳои кори диссертатсиониро дар раванди таълиму таҳқиқ нишон дода, дурнамои мавзуи таҳқиқ муайян мегардад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқи** унвонҷӯ Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар он зоҳир мегардад, ки ба масъалаи вомгирии калимаҳо бахшида шуда, ҷамъоварию таҳқиқ ва хулосаҳои илмӣ дар самти вомгирии калимаҳо

баровардан барои анҷом додани корҳои ҷамъбастӣ дар самти иқтибосшиносӣ ва муайян сохтани мақоми ин калимаҳо дар забон имкон фароҳам меоварад. Ба назари мо, ҳарчанд корҳои зиёде дар самти иқтибосшиносӣ ба вуҷуд омада, андешаҳои муҳимми илмӣ пешниҳод шуда бошад ҳам, хулосаҳои куллии илмӣ дар натиҷаи рисолаҳои нави илмие сурат мегирад, ки яке онҳо аз тарафи унвонҷӯйи имрӯза пешниҳод шудааст. Масоили назарии дар диссертатсия баррасӣ шуда, барои таҳқиқи минбаъдаи соҳаи иқтибосшиносӣ мусоидат мекунад ва барои мутахассисони соҳа ҳамчун маводи назарии илмӣ метавонад мадад расонад.

Кори диссертатсионӣ аҳаммияти муайяни амалӣ дорад. Хулосаю натиҷаи таҳқиқ дар таҳияи воситаю дастурҳои таълимии забоншиносӣ ва луғатҳои гуногуни марбут ба иқтибосот, баргузории давраҳои омӯзишӣ ва семинарҳои назариявию амалӣ аз вожашиносӣ муфид мебошанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 адад дар нашрияҳои дигар ба чоп расидаанд. **Маводи батабърасида** муҳминтарин паҳлуҳо ва мазмуни асосии диссертатсиро инъикос намуда, саҳми шахсии диссертантро собит менамояд.

Мундариҷаи диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии кор, 3 боб бо 19 фаслу зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, фарогири 175 саҳифаи чопи компютерӣ аст. Дар фаслу зерфаслҳои таҳқиқ роҳу усулҳои хуби таҳқиқ пайгирӣ шудааст, ки барои муҳокимаҳою баҳсҳои илмӣ имкон фароҳам оварда, боиси натиҷагириҳои ҷолиб шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия тибқи талаботи мавҷуда масъалаҳои зарурати интихоби мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ шудани он, ҳадаф ва вазифаҳои

кори диссертатсионӣ, усули таҳқиқ, навгониҳо, аҳаммияти назариявию амалии мавзуъ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби **якуми** диссертатсия «**Вомвожаҳои арабии осори насрии Кошифӣ ва вижагиҳои забонии онҳо»** унвон дошта, аз се фаслу се зерфасл иборат аст. Фасли якум "**Вомвожаҳои арабӣ ва баъзе масоили назарии онҳо**" ба масъалаи баррасии таҳқиқоти донишмандон роҷеъ ба калимаҳои арабӣ бахшида шуда, назари донишмандоне чун Эмомалӣ Раҳмон, Ж.Гулназарзода, С. Сулаймонов, С.Назарзода, Ҳ.Маҷидов, М.Н.Қосимова, Т. Бердиева, С.Ҳошимов, Ш. Кабиров, Б., Камолиддинов, М. Саломов, З. Мухторов, Ш. Ҳаитова, М. Ҷумаев, С. Сабзаев, М. Ҳ. Султон ва дигарон баррасӣ шуда, омилҳои воридшавии калимаҳоро аз як забон ба забони дигар муайян месозад, ки аз сабаби иҷтисодӣ, нуфузи динӣ, сабаби низомӣ иборат мебошанд. Ҳар яке аз ин сабабҳои шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Фасли дуюм "**Вомвожаҳои арабӣ**" ном дорад ва аз ду зерфасл иборат аст. Зикр мегардад, ки калимаҳои арабӣ нишонаҳои муайяни луғавӣ, овозӣ ва сарфӣ доранд ва дар диссертатсия ҳар яке аз онҳо бо истифода аз осори назариявии мавҷуда, нишон дода мешавад, ки хеле муҳиманд. Яке аз масоили ҷолиби ин фасл аз он иборат аст, ки дар он қолибҳои калимаҳои арабӣ баррасӣ мешаванд. Зимни таҳқиқ маҳсулнокии қолибҳо дар осори мавриди таҳқиқ муайян шудааст. Аз ҷумла, тибқи таҳқиқи унвонҷӯй қолибҳои сермаҳсули калимаҳои арабӣ дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ қолибҳои афъал, афъол, афоил, инфиол, истифъол, ифтиол, ифъол, мафъал, мафъил, мафъул, муфаъъал, муфаъъил, муфоил, мафоил, муфоила, тафаъъул, тафоул, тафъил, фаъал, фаил, фаъл, фаъъол, фуало, фиъол, фоил мебошанд, ки бо онҳо вожаҳои зиёде дида мешавад, ки онҳоро унвонҷӯй шарҳу эзоҳ додааст.

Дар идомаи ин фасл вомвожаҳои арабии исмию зарфӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Фасли сеюми боби аввал "Вомвожаҳои ғайриарабӣ" ном гузорӣ шуда, ба масъалаи таҳқиқи калимаҳои иқтибосии ҳиндӣ, юнонӣ, оромӣ ва туркӣ-муғулӣ дар насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ бахшида шуда, зикр мегардад,

ки ин вожаҳо дар забони тоҷикӣ ҳазм шудаанд ва дар қатори калимаҳои умумиистеъмоли забон ҷой гирифтаанд.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Вижагиҳои луғавии вомвожаҳои осори насрии адиб»** ном дошта, аз шаш фасл иборат аст. Дар бахши матолиби муқаддамотии боб оид ба моҳияти вомвожаҳо ва дар бобати воридшавии иқтибосоти арабӣ андешаҳои донишмандони соҳаро таҳқиқ карда, дар пояи нигоштаҳои онҳо перомуни хусусиёти вожагонии вомвожаҳои арабӣ дар осори адиби мазкур баррасӣ анҷом додааст. Махсусан, доир ба вижагиҳои вомвожаҳои муродифӣ (фасли 2.1.) андешаҳои донишмандоне чун Насируддини Тусӣ, Д. Хоҷаев, Т. Шокиров, Ш. Каримов ва дигаронро матраҳ карда, иқтибосотро ба гурӯҳҳои мавзуии ифодакунандаи мафоҳими сиёсӣ-маъмурӣ, мафоҳими динӣ, ҳуқуқ, илму васоити хониш, мавқеи иҷтимоӣ, муносибат ва одоби муоширaт табақабандӣ карда, мазмуну муҳтаво ва аҳаммияти онҳо дар асарҳои мавриди таҳқиқ баён мегардад. Дар идома роҷеъ ба муродифоти ҷуфти арабӣ таҳқиқ анҷом гирифтааст.

**Дар фасли 2.2.** вомвожаҳои арабии мутазод, ки аз воситаҳои муассири тарзи баён мебошанд, дар осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ баррасӣ шудаанд. Дар ин қисмати кор ҳам аз андешаҳои донишмандони соҳа ёдовар мешавад ва калимаҳои мутазодро ба вомвожаҳои мутазоди луғавии мансуб ба исму сифат (одил-золим, маҳбуб-мабғуз),мутазодҳои ҷуфтистеъмол (тавҳиду ширк, караму бухл), мутазодҳои матнӣ (хашму ризо) ва ҷумлаҳои мутазод тақсим карда, бо мисолҳои мавҷуда таҳқиқ мекунад.

**Дар зерфасли 2.3. ҳамгуншавӣ,** дар зерфасли 2.4. сермаъноӣ ва дар фасли 2.5 вомвожаҳои соҳавии осори адиби мазкур таҳқиқ шудаанд. Дар ин миён вомвожаҳои соҳавӣ диққатҷалбкунанда ба назар мерасанд ва онҳо ба соҳаҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, география, ҳуқуқ, сиёсӣ-маъмурӣ, иқтисодӣ, фалсафа, тиб, маориф, низомӣ, мантиқ, хислати инсон, рӯзгордорӣ, дин, шаҳрдорӣ, соматизмҳо, ҳандаса ва мардумшиносӣ мансубанд, ки дар кор бо мисолҳо матраҳ шудаанд.

**Фасли 2.6.** “Воҳидҳои фразеологии бо ҷузъи арабӣ дар осор” ном дошта, роҷеъ ба ибораҳои фразеологии феълӣ ва исмӣ бо ҷузъҳои арабӣ ба таври мухтасар бо мисолҳои мутмаинкунанда аз осори адиб таҳқиқ анҷом гирифтааст.

Боби **сеюми** рисола **«Вижагиҳои сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии адиб»** ба масъалаи сохтори калимаҳои иқтибосӣ дар осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ марбут аст. Дар фаслҳои ин боб вомвожаҳои сода, сохта, мураккаб, таркибҳо, калимаҳои ҳамрешаи арабӣ ва мураккаботи вомвожаҳои арабӣ дар осори мазкур таҳқиқ мешавад. Аз ҷумла, дар фасли вомвожаҳои содаи арабӣ (фасли 3.1.) на танҳо калимаҳои арабӣ, балки вомвожаҳои содаи забонҳои ҳиндӣ, юнонӣ, оромӣ, чинӣ ва туркӣ-муғулӣ баррасӣ шудаанд. Калимаҳои арабӣ аз рӯйи қолибҳои мавҷудаи ин забон дар 26 қолиб нишон дода шудаанд.

Дар **фасли 3.2**., ки масъалаи “Вомвожаҳои арабии сохтаи осори мансури адиб” бахшида шудааст, роҷеъ ба мавқеи калимасозии пешванди ҳам-, бар-, бе-, но-, дар- ва пасвандҳои -гор, -ӣ//-гӣ, -гоҳ, -зода, -истон, -манд, -он, -она, -ина сухан рафта, унвонҷӯро ба чунин андеша водор сохтааст, ки бо вандҳо ва калимаҳои арабӣ вожаҳои зиёде сохта шудааст, ки барои ғанӣ шудани таркиби луғавии осори мансури адиб мусоидат кардаанд. Дар идома, дар **фасли 3.3.** “Вомвожаҳои арабии мураккаби осори мансури адиб” баррасӣ шуда, тибқи анъана ба мураккаби пайваст, ки каммаҳсул талаққӣ шудааст ва мураккаби тобеъ, ки сермаҳсул нишон дода мешавад, ҷудо шудаанд. Калимаҳои мураккаби тобеъ дар қолибҳои исму исм, сифату исм, исму сифати феълии замони гузашта, исму замони ҳозираи феъл бо мисолҳои мушаххас матраҳ шудаанд. Дар ин фасл калимаҳои мураккаби пасванддор ва пешванддор низ баррасӣ шудаанд.

Дар **фасли 3.4.** “Вомвожаҳои арабии таркибӣ дар осор” доир ба феълҳои таркибии номӣ, ки ҷузъи номиашон арабӣ аст, ба таври кутоҳ маълумот дода, мисолҳои фаровоне оварда мешавад, ки аз мавҷудияти онҳо дар осор дарак медиҳад.

Дар фаслҳои баъдӣ калимаҳои ҳамрешаи арабӣ ва мураккаботи вожаҳои арабӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, бо мисолҳои зиёде матраҳ гардидаанд

**Хулосаи диссертатсияи** Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар 15 банд гирд омада, муҳимтарин натиҷаҳои баҳсҳои илмиро доир ба мавзуъ фаро мегиранд. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 5 банд ҷолиб ба назар мерасанд. Феҳристи адабиёт дар асоси тартиби алифбо 208 адабиёти марбут ба мавзуъро фаро гирифтааст. Дар диссертатсия пайдарҳамии фикр мушоҳида шуда, мазмун ва мантиқи ягонаи илмӣ дорад, сатҳи навгониҳои илмии кори диссертатсионӣ, нукоти илмӣ, масъалагузориҳо, пешниҳоду тавсияҳои амалӣ, шеваи нигориш, услуби таҳқиқоти илмӣ аз саҳми шахсии диссертант дарак медиҳад.

Дар қатори дастоварду муваффақиятҳои илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиб дар диссертатсия баъзе камбудию норасоиҳо ба назар расиданд, ки бо мақсади пешрафти корҳои минбаъдаи муаллиф онҳоро зикр мекунем:

1. Номгузории баъзе фаслҳои 1.2.2. ва 3.2. таҳрир мехоҳанд. зерфасли “1.2.2. Вожаҳои арабии исмӣ” ном дорад. Онро дар шакли “1.2.2. Вожаҳои арабии номӣ” иваз кардан боиси мутобиқати он ба муҳтавои фасл мегардад, зеро дар он ҷо на танҳо исмҳо, балки сифатҳо ҳам баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин, фасли “3.2. Вомвожаҳои сохтаи арабӣ”-ро дар шакли “3.2. Нақши калимаҳои арабӣ дар ташаккули калимаҳои сохта” номгузорӣ кардан ба мақсад мувофиқ аст, зеро калимаҳои сохта тавассути асосҳои арабӣ ва вандҳои калимасози тоҷикӣ ба вуҷуд омадаанд.

2. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки мақсади асосии кор таҳқиқи вомвожаҳои арабии осори насрии Кошифӣ ба шумор меравад, фасли “1.3. Вомвожаҳои ғайриарабӣ” зиёдатӣ ба назар мерасад. Ҳазфи он ба муҳтавои кори диссертатсионӣ таъсири манфӣ намерасонад.

3. Яке аз масъалаҳои баҳсноки илмӣ омори истифодаи калимаҳои иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ аст. Бисёр хуб мешуд, ки чандомади истифодаи

вомвожаҳои арабӣ дар осори насрии Кошифӣ дақиқиқан таҳқиқ мешуд, ки барои хулосаҳои илмии омории масъала дар маҷмуъ лозим буд.

4. Гуногунбаёнии истилоҳоти соҳаи забоншиносӣ (синоним - муродиф, омоним - ҳамгуншавӣ ) ба назар расид. Истифодаи гунаи тоҷикии истилоҳоти илмӣ ба манфиати кор аст.

5. Такрори матлаб дар саҳифаҳои 8 ва 9 дида мешавад, ки ислоҳи он ба манфиати кор буд.

6. Ҳарчанд, диссертатсия босаводона навишта шудааст, аммо дар саҳифаҳои 8, 24, 27, 36, 56, 129-и диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ ва ҷо-ҷо услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо бар афзудани сифати кор хоҳад буд.

Бешубҳа, эродҳои мазкур ислоҳшавандаанд ва арзиши баланди илмии рисоларо ба ҳеҷ ваҷҳ кам намекунанд. Муаллифи диссертатсия метавонад онҳоро зимни нашри монографиии кор ислоҳ намояд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар мавзуи «Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ» (дар асоси маводи “Футувватномаи султонӣ” “Ахлоқи муҳсинӣ” ва “Рисолаи ҳотамия”)-ро дар шакли пешниҳодшуда анҷомёфта донистан мумкин аст. Мақсаду вазифаҳо ва масъалаҳои дар пеш гузоштаи унвонҷӯ пурра ифшо шудаанд ва онҳо бо забони фасеҳу равшан ва фаҳмо баён гардидаанд.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01.–Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ «Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ» (дар асоси маводи “Футувватномаи султонӣ” “Ахлоқи муҳсинӣ” ва “Рисолаи ҳотамия”) ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани

Кошифӣ” (дар асоси маводи “Футувватномаи султонӣ”, “Ахлоқи муҳсинӣ” ва “Рисолаи ҳотамия” ) ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филалогӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти №267 тастиқ шудааст, омода гардидааст.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ** :
доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АМИТ,
раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди
Ҳукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Раҳматуллозода

**Нишонӣ**: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон ,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Н. Қарабоев 84/4, ҳуҷраи 22.
Тел: +992(37)2275938.+992(37)2277829;
дастӣ: (992) 919002178.
Email: saxidodi@list.ru

**Имзои доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АМИТ, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Раҳматуллозодаро тасдиқ меунам.**
Сардори шуъбаи кадр ва корҳои махусуси
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Сафарзода

**Маълумот барои тамос.**
**Нишонӣ:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тамос: (992)919002178.
Email: saxidodi@list.ru
“10” марти соли 2025